# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Салимов Эраҷ Мирҳасанович
дар мавзуи «Анъанаҳои фарҳангии Тоҷикистон дар давраҳои мухталиф
(дар асоси маводи фарҳангии минтақаи Суғд)»
барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи
ихтисоси 09.00.13– Антропологияи фалсафӣ, фалсафаи фарҳанг**

Дар натиҷаи омӯзиши автореферат маълум мегардад, ки муаллиф ҳангоми таҳқиқи масоили фарҳангӣ бо ҷудо намудани хусусиятҳои вижаи ташаккул ва такомули он, ду масъалаи муҳимро мавриди таҳлил қарор додааст: якум, фарҳанг ин ҷараёни ҷудонопазири рушди ҷомеа аст ва новобаста аз шакли давлатдорӣ, мафкура пайвандгари решаҳои амиқи онтологиву гносеологии он бо гузашта ва оянда мебошад. Дуввум, фарҳанг маҳсули ҷомеа буда, дар ҳама гуна шарту шароити ҳастии инсоният равиши зисту зиндагонии аҳли ҷомеа маҳсуб меёбад.

Муҳаққиқ изҳор дорад, ки ба ҳамагуна раванди ташаккулёбии фарҳанг хусусиятҳои хос, ҳамгирои ва ҳамтаъсирпазирӣ, омехташавӣ, ҳифзи худ аз таъсирҳои беруна ва ин гуна падидаҳо ба назар мерасанд. Фарҳанги як минтақа метавонад дар айни ҳол таҷассумгари фарҳанги умумибашар, фарҳанги минтақа, миллат, маҳал ва гурӯҳҳои алоҳидаи этникӣ бошад, ё ин ки ин гуна шохисҳоро надошта, танҳо дар ҳудуди як гурӯҳ, як этнос боқӣ монад ва мисоли он фарҳанги минтақаи Суғд аст. Дар пажуҳиши мазкур фарҳанги минтақавӣ ҳамчун объекти таҳқиқ қарор гирифта, чун воҳиде баромад менамояд, ки шакли махсуси фарҳанги миллиро таҷассум карда, шаклҳои ҳастии фарҳанги миллиро, ки шарти асосии мавҷудияти ҷомеаҳои алоҳида ва бунёди худшиносии аҳолии он мебошад, ошно месозад.

Аз овардани дараҷаи таҳқиқи мавзӯи мазкур бармеояд, ки диссертант кори илмии худро дар такя бо сарчашмаҳои муътамад- асарҳои илмӣ-таҳқиқотии олимони барҷастаи Шарқу Ғарб, ватанӣ, инчунин Паёму суханронӣ ва осори Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон оид ба масоили фалсафаи фарҳанг таҳия намудааст.

Аз таҳлили автореферат бармеояд, ки кори илмии мазкур яке аз нахустин таҳқиқот дар самти фалсафаи фарҳанги миллӣ, бахусус ташаккулу рушди он дар даврони истиқлолият мебошад, ки дар доираи антропология ва фалсафаи фарҳанг таҳлил гардидааст.

Муаллиф тавонистааст ҳадафу вазифаҳо, объекту мавзуъ, асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқотро дуруст муайян намуда, дар ҳалли масъалаи баррасишаванда ба даст овардани навгонии илмӣ- баррасиии вижагиҳои таҳаввул ва такомули фарҳанги миллӣ ва қисми таркибии он фарҳанги минтақаи Сугд дар даврони  мухталиф,  бахусус дар даврони истиқололияти Ҷумҳурӣ чун падидаи фалсафӣ-фарҳангӣ муваффақ гардида, нуктаҳои ҷолиби диққатро ба ҳимоя пешниҳод карда, аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқотро амиқан ифода намояд.

Дар ҳақиқат тавре, ки диссертант таъкид менамояд, таҳқиқи фарҳанги минтақаи Суғд аз нигоҳи фалсафӣ-фарҳангшиносӣ дар муқаррар намудани саҳм ва андозаи таъсири мутақобила ва хусусиятҳои хоси фарҳанги тоҷик ҳамчун мафҳуми том ва дорои қисмҳои таркибӣ, барои муайян кардани хусусияти морфологии фарҳанги муосир ва ҷиҳатҳои семантикӣ – сохтории он, таъйиноти хусусияти фарҳанги тоҷик ба таври умум, ҳамчун фазои ягонаи мавҷудияти фарҳанги минтақавӣ, ҳамчунин дар шинохт ва муаррифии он ба ҳайси мафҳуми томи мафкурасоз мусоидат хоҳад кард.

Сохтори автореферат ва тарзи таҳияи он ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестасонии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, ҳам матни тоҷикӣ ва ҳам русии автореферат хело хуб таҳрир шуда, бо риояи қоидаҳои имлоии забон таҳия гардидаанд.

Дар муқаддима ва тавсифи умумии таҳқиқот ҳамаи бандҳои пешниҳодгардида таҳия шудаанд.

Дар баробари гуфтаҳои боло ба муаллиф тавсия медодем, ки дар таҳқиқоти минбаъдаи мавзуи мазкур ба таҳлилҳои муқоисавии донишмандони мамлакатҳои ҳамҷавор низ диққати бештарро равона созад.

Автореферати диссертатсияи Салимов Эраҷ Мирҳасанович дар мавзуи «Анъанаҳои фарҳангии Тоҷикистон дар давраҳои мухталиф (дар асоси маводи фарҳангии минтақаи Суғд)» кори илмию таҳқиқотии анҷомёфта ва дорои сохтори мукаммали мантиқӣ буда, ба талаботи муқаррарнамудаи Коммисияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.

Бо назардошти гуфтаҳои боло қайд намудан мумкин аст, ки муаллифи таҳқиқоти илмӣ Салимов Э.М. сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.13 – Антропологияи фалсафӣ, фалсафаи фарҳанг мебошад.

**Муқарриз:**
Д.и.ф., сарходими илмии шуъбаи
таърихи фалсафаи ИФСҲ ба
номи А. Баҳоваддинови АМИТ **Диноршоева З. М.**

**Имзои Диноршоева З. М-ро тасдиқ мекунам:**
Нозири калони кадрҳои ИФСҲ ба
номи А. Баҳоваддинови АМИТ **Абдураҳмонзода Б.А**

27.08.08